# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин
дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

**1. Мутобиқати мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба ихтисосҳои илмие, ки дар доираи онҳо таҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунанд. Мавзӯи таҳқиқоти мазкур ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 №503 тасдиқ гардидааст, дохил шуда, ба банди нӯҳум «масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ» мувофиқат менамояд.

**2.Мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот.** Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ дар он аст, ки айни замон низоми идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири равандҳои муосир, аз ҷумла рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба мушкилот ва чолишҳои нав рӯ ба рӯ шуда истодааст. Тавсеаи шуғли пурмаҳсул ва равандҳои рақамикунонӣ мутаносибан шаклу усулҳои нави идора ва танзими муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатро талаб менамоянд. Густариши ҳамкориҳо ҷиҳати таъмини идоракунии муассиру самараноки меҳнат дар шароити муосир ҳамчун яке аз вазифаҳои калидии шарикони иҷтимоӣ: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони кормандон ва намояндагони корфармоён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст. Механизмҳои ҳуқуқии мавҷудаи идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон ба талаботи муосир ҷавобгӯ набуда, заминаҳои илмии ин институти ҳуқуқи меҳнат пурра ташаккул наёфтаанд, дар сатҳи қонунгузорӣ бошад мазмуну мундариҷаи идоракунии меҳнат дурусту амиқ танзими худро наёфтааст. Бинобар омилҳои мазкур ваколату вазифаҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои идоракунии меҳнат ба таври зарурӣ татбиқ намегарданд, иштироки кормандон дар сатҳи локалӣ дар идоракунии меҳнат таъмин намегардад, принсипҳои идоракунии меҳнат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пурра ифода наёфта дар амалия самараи дилхоҳ надода истодааст. Бинобар ин таҳқиқи мафҳум, мундариҷа ва ҷойгоҳи институти идоракунии меҳнат, муайянсозии хусусиятҳо ва аломатҳои муносибатҳои ҳуқуқие, ки предмети танзмими ин институт мебошанд, дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муборами назариявии ҳуқуқи меҳнат маҳсуб мешавад.

Мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин маҳз ҳалли ин масъалаҳои мубрами ҳуқуқи меҳнати ватанӣ дуруст муайян шуда, муаллиф тибқи вазифаҳои гузоштaшуда таҳқиқоти маҷмуиеро анҷом додааст, ки он воқеан ҳам доктринаи ҳуқуқи меҳнатро дар танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ғанӣ месозад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти пешниҳодшуда дар ҳуқуқи меҳнати ватанӣ мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи таҳқиқи масъала ва навгонии илмӣ.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз хулоса ва пешниҳодҳои илмии дар натиҷаи он ҳосилшуда иборат буда, аз натиҷаҳои умумии омӯзиши мавзуи мазкур консепсияи илмии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудааст. Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки зимни он институти идоракунии меҳнат ҳамчун яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шуда, сохтор, принсипҳо, усулу воситаҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат, ҳамчунин мақоми ҳуқуқӣ ва маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат муайян ва равшан карда шуданд.

Дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмии мавҷуда ва меъёрҳои қонунгузории меҳнат, доир ба мазмуни мафҳумҳо ва истилоҳҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат фаҳмишҳои нав пешниҳод мегарданд, ки бешубҳа дастгоҳи мафҳумии институти идоракунии меҳнатро такмил ва пурра менамоянд.

Аз қабили нуктаҳои аҳаммияти навоварона доштаи таҳқиқот метавон инҳоро қайд намуд:

- муайян намудани нуқтаи назари ҳамаҷониба ва бартаридоштаи идоракунии меҳнат ҳамчун низоми бисёрсатҳа ва бисёрсоҳавӣ, ки ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ асос ёфтааст, Назари муаллиф дар хусуси ҳамчун асос эътироф кардани ҳуқуқи корфармо дар идоракунии кормандон, аммо он бояд мутлақ ҳисобида нашуда, мувозинати он маҳз тавассути муқаррарсозии меъёри ҳатмии қонунгузорӣ (давлат); бастани шартномаҳои коллективӣ; иштироки намояндагони кормандон дар идоракунии меҳнат ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои фардии меҳнатӣ имконпазир мебошанд;

- таҳияи дефинитсияи «идоракунии меҳнат» дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда ва амалияи қонунгузории меҳнат "идоракунии меҳнат", ки мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат пурратар ифода намуда, барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда дар ин самт ва истифодаи он дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат муносиб аст;

- муайянсозии чунин хусусиятҳои хосу фарққунандаи танзимнамоии институти идоракунии меҳнат: 1) муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат

бо тарзу усулҳои махсус танзим карда мешаванд; 2) идоракунии меҳнат дорои хусусияти танзими ҳуқуқи давлатӣ-хусусӣ аст; 3) дар он танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои иқтисодии идоракунии меҳнат мавқеи асосӣ дорад; 4) дар идоракунии меҳнат усулҳои таъсиррасонии мустақим ба таври васеъ истифода мешаванд (фармонҳо, қарорҳо); 5) низоми субъектҳои идоракунии меҳнат дар сатҳу зинаҳои гуногун амал мекунад, аз ҷумла дар сатҳҳои миллӣ, маҳаллӣ, соҳавӣ ва локалӣ; 6) идоракунии меҳнат хусусияти байнисоҳавӣ дошта, доираи васеъи меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод фаро мегирад; 7) чорабиниҳо оид ба идоракунии меҳнат таркиби мураккаби ҳуқуқӣ ва хусусияти доимию мунтазам доранд; 8) низоми идоракунии меҳнат маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба худ хос: меъёрҳои моддию мурофиавӣ; меъёрҳои шарикӣ - коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дорад.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи меҳнат дар робита ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ мусоидат намоянд, инчунин истифодаи онҳо ҳангоми омодасозии барномаҳои таълимӣ аз рӯйи фаннҳои: ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба манфиат хоҳад буд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ**. Хулосаҳо ва мавқеъҳои илмии муаллиф дар таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои умумиқабулгардидаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд ва эътимоднокии онҳо бо далелҳои мушаххаси илмӣ тасдиқ мегардад. Ҳамаи муқарраροте, ки дар диссертатсия барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар асоси таҳлил ва муқоисаи назарияҳо ва хулосаҳои илмии мавҷуда асоснок карда шудаанд.

**5. Мазмун ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва замима ба диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад, дараҷаи коркарди илмии он муайян мегардад, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, объекти он ва мавзуи таҳқиқот, асоси методологӣ ва эмпирикии таҳқиқот баён карда мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии он ошкор мегардад, унсурҳои асосии навоварӣ ва муқарраροте, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин апробатсияи муқаррароти асосии диссертатсия нишон дода мешаванд.

**Дар боби якум** масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди ниҳоди идоракунии меҳнат баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳум, моҳият ва шаклҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнатро

асоснок намуда, инчунин таҳаввулоти таърихии онро таҳлил мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқ фарқияти байни мафҳумҳои «идоракунии меҳнат» ва «ташкили меҳнат» муайян карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, идоракунии меҳнат мафҳуми фарохтар буда, на танҳо танзими ҳуқуқӣ, балки ҷанбаҳои иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Дар муқобил, ташкили меҳнат бештар ба ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ (аз ҷумла тақсимоти вазифаҳо, муътадилсозии равандҳо ва стандартикунонӣ) маҳдуд мешавад.

Ҳамзамон, таърифи пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба мафҳуми идоракунии меҳнат, ба назари мо низ мафҳуми пешниҳодшуда, мазмуни ҳуқуқии ин истилоҳро мукаммалтар инъикос менамояд.

Инчунин, дар ин бахши таҳқиқот бо дарназардошти он ки ниҳоди идоракунии меҳнат зери таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун пайваста рушд меёбад ва самтҳои танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқӣ вобаста мебошад, доираи масъалаҳои афзалиятноке, ки таҳқиқи минбаъдаро тақозо мекунанд, мушаххас гардидааст.

Дар идома, аломатҳо ва вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба идоракунии меҳнат дар муҳтавои меъёрҳои қонунгузории меҳнат таҳлил ва равшан карда шудаанд. Муаллиф бо далелҳо асоснок менамояд, ки чунин муносибатҳо ба гурӯҳи муносибатҳои вобастаи меҳнатӣ шомил буда, метавонанд ҳам пеш аз ба вуҷуд омадани муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳам дар ҷараёни онҳо пайдо шаванд.

Ҳамчунин, хулосаи пешниҳоднамудаи муаллиф дар бораи он ки ин гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, аслан, муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди идоракунии меҳнат аз ҷониби субъектҳои дахлдор ва сохторҳои ваколатдори ташкили он ташаккул меёбанд, асоснок ва қобили ҷонибдорӣ арзёбӣ мегардад.

**Дар боби дуюм** асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф робитаи мутақобилаи танзими байналмилалӣ ва миллӣ, нақши санадҳои дохилисоҳавӣ (локалӣ) ва аҳаммияти инфрасохтори иттилоотиро дар ин раванд таҳлил менамояд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ бармеояд, ки яке аз принсипҳои калидии танзими ҳуқуқии меҳнат ташкили самараноки идоракунии меҳнат ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи локалӣ мебошад. Андешаи муаллиф дар бораи зарурати муқаррар намудани ин принсип ҳамчун яке аз ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии қонунгузории меҳнат ҷолиб буда, дорои аҳаммияти назарраси илмӣ мебошад.

Дар ҳамин қисмат, хусусиятҳои махсуси танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат низ муайян карда шудаанд. Мувофиқи ин мавқеъ, предмети чунин танзимро муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнат ташкил

медиҳанд. Пояҳои ҳуқуқии он бошанд, аз маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ иборат буда, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунгузории меҳнат, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ, санадҳои марбут ба шарикии иҷтимоӣ, инчунин тавзеҳоти мақомоти олии судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ ва Суди Олӣ, ро дар бар мегиранд.

Ҳангоми баррасии хусусиятҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки идоракунии меҳнат дар ин сатҳ, ки пеш аз ҳама ба зиммаи корфармо гузошта шудааст, дар асос ва дар чорчӯби меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат амалӣ мегардад.

Дар ҳамин замина, дар таҳқиқот хусусиятҳо ва сохтори санадҳои дохилии (локалии) танзими идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот мушаххас карда шуда, онҳо вобаста ба моҳият ба се гурӯҳ: санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо гардидаанд.

Ҳамзамон, шартномаҳои коллективӣ ҳамчун яке аз абзорҳои калидии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ арзёбӣ гардида, таъкид мешавад, ки онҳо дар пур намудани холигиҳои мавҷуда ва рафъи камбудиҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба идоракунии меҳнат нақши муҳим мебозанд.

**Дар боби сеюм** низоми субъектҳое, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат иштирок менамоянд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён, инчунин нақш ва мавқеи кормандон ва иттифоқҳои касаба бо далелҳои илмӣ асоснок гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ваколатҳои мақомоти марбут ба идоракунии меҳнат вобаста ба хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ.

Ҳамзамон, муайян гардидааст, ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимбандии дақиқи ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти идоракунии меҳнат пешбинӣ нашудааст. Ба андешаи муаллиф, мушаххас намудани чунин ваколатҳо дар қонунгузории мазкур мувофиқи мақсад буда, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии танзими идоракунии меҳнат мусоидат намояд.

Мазмун ва доираи ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар самти идоракунии меҳнат, инчунин заминаҳои қабули қарорҳо ва ҳадди амалишавии онҳо ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар натиҷа муайян мегардад, ки корфармо ҳамчун субъекти

калидии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, бар асоси қонунгузории меҳнат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои дохилии ташкилот, дорои маҷмӯи муайяни ваколату салоҳиятҳо мебошад.

Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқ ва ухдадориҳои корфармо дар соҳаи идоракунии меҳнат аз ҳуқуқу ухдадориҳое, ки аз шартномаи меҳнатӣ бармеоянд, фарқ доранд, зеро пайдоиш, татбиқ ва қатъи онҳо бештар ба маҷмӯи якчанд далелҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Ҳамзамон, масъалаҳои танзими иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, инчунин доираи ҳуқуқу имкониятҳои онҳо дар ин самт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар асоси ин таҳлил муайян шудааст, ки Кодекси меҳнат меъёрҳои мушаххасро оид ба тартиб ва шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла иштироки онҳо дар муҳокима ва қабули қарорҳои марбут ба масъалаҳои меҳнат, пурра пешбинӣ накардааст.

Дар ин замина, пешниҳоди муаллиф оид ба зарурати мушаххас намудани принсипҳо ва механизми татбиқи чунин ҳуқуқҳо, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ, қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ арзёбӣ мегардад. Инчунин, пешниҳодҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» аҳаммияти назаррас доранд.

Дар қисми хулосавии диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуда, дар бахши тавсияҳои амалӣ пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидаанд.

**6.Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо.** Моҳияти асосии назариявии таҳқиқот дар таҳияи як консепсияи навини илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки бар пояи ошкор намудани хусусиятҳои муосири ин раванд бунёд гардидааст. Дар доираи он, сохтори ҳозираи идоракунии ҷамъиятии меҳнат ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ муайян шуда, инчунин доираи ҳуқуқу салоҳиятҳои субъектҳои марбут, ҳамзамон ҷанбаҳои танзими оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии идоракунии меҳнат мушаххас карда шудаанд. Хулосаҳои назариявии пешниҳодшуда имконият медиҳанд, ки баъзе масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи меҳнат такмил ёфта, замина барои рушди минбаъдаи он фароҳам гардад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ва такмили таҷрибаи татбиқи он, густариши таҳқиқоти илмӣ, инчунин истифодаи натиҷаҳои назариявӣ дар раванди таълим зоҳир мегардад. Илова бар ин, муҳтавои таҳқиқот метавонад барои фаъолияти мақомоти қонунгузор

ва иҷроия, шарикони иҷтимоӣ (аз ҷумла иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён), мутахассисони соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва идоракунии кадрҳо, инчунин ҳуқуқшиносон аҳаммияти назарраси амалӣ дошта бошад.

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд, 6 – тои он онҳо дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Маводи диссертатсия бо ишораҳои дахлдор ба муаллифон ва манбаъҳои иқтибос истифода шудааст, ки риоя гардидани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмиро нишон медиҳад.

8. **Мутобиқати тартиби барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Сохтори илмӣ, пайдарпаии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, инчунин мавзуъҳои баррасишуда дуруст ташкил ва тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шудаанд. Ҳамаи саҳифаҳои диссертатсия рақамгузорӣ гардида, рақамҳо дар қисми поёнии саҳифа ба таври мутамарказ ҷойгир карда шудаанд. Автореферати диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин пурра ба муҳтавои он мутобиқат намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия аз он дарак медиҳад, ки муаллиф мутахассиси омодашуда ва баландихтисос ва дар ҳалли масъалаҳои илмӣ салоҳиятнок, мебошад.

9. **Камбудиҳо ва норасогиҳо.** Дар баробари дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе нуқтаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо албатта арзиши таҳқиқотро тақвият медиҳанд:

1) Дар зербоби 1.3 муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳият ва намудҳои муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнатро аз нигоҳи назариявӣ ва меъёрӣ таҳлил намояд, аммо дар қисмати ибтидоии параграф норавшании методологӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар саҳифаи 50, сархате, ки бо ҷумлаи «Объекти танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат идораи давлатӣ ва ҷамъиятии меҳнат буда…» оғоз мегардад, муаллиф байни категорияҳои бунёдии назарияи ҳуқуқ «объекти танзим» ва «предмети танзим» фарқияти дақиқ нагузоштааст. Дар ин ҷо идораи давлатӣ ва ҷамъиятии меҳнат ҳамчун «объект» ва ҳамзамон муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун «предмет» зикр мешаванд, дар ҳоле ки дар назарияи ҳуқуқ предмети

танзим маҳз худи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, на падидаҳои ташкилӣ ё институтсионалӣ. Ба назари мо, муаллиф бояд ин масъалаи методологиро бо такя ба доктринаи умумии ҳуқуқ дақиқ намуда, таносуби «объект» ва «предмет»-и танзими ҳуқуқиро равшантар асоснок менамуд.

2) Дар зербоби 3.1 муаллиф ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шарикони иҷтимоиро дар идоракунии меҳнат бо фарогирии васеи маводи меъёрӣ ва амалия таҳлил намудааст. Аммо, дар он таҳлил бештар ба баёни номгӯи ваколатҳо ва функсияҳои мақомоти давлатӣ равона гардида, унсури муҳими илмӣ, яъне муқоисаи салоҳиятҳо, муайян намудани таносуби онҳо ва ошкор намудани мушкилоти ҳампӯшӣ ё такроршавии ваколатҳо байни субъектҳои гуногун (махсусан байни мақомоти марказӣ, маҳаллӣ ва воҳидҳои сохторӣ) ба таври кофӣ анҷом дода нашудааст. Ҷанбаи муқоисавӣ-таҳлилӣ дар ин бахши кор имкон медод, ки самаранокии низоми идоракунии меҳнат аз нуқтаи назари тақсимоти ваколатҳо ва пешгирии такрорёбии функсияҳо ба таври илмӣ хубтар арзёбӣ гардад.

3) Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири рақамикунонӣ ба идоракунии меҳнат баррасӣ шудааст, ки дар шароити имруз хеле муҳим аст. Вале, ин таҳқиқ бештар хусусияти умумӣ дошта, муаллиф мебоист ҷанбаҳои илмӣ ва  амалии онро дар алоҳидагӣ мавриди омузиш қарор дода, ҷиҳати мутобиқсозии қонунгузории меҳнат ва талаботи рақамикунонӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур менамуд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда хусусияти баҳснок дошта, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда сатҳи илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, дар маҷмӯъ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва ба мазмуни кор таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ.** Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, аз рӯи мазмун ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисосҳои зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
ходими пешбари илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ________________ Шонасриддинов Н.
«30» 04 2026

**Суроғаи муқарриз:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи И.Сомонӣ, кучаи Ш.Шотемур 75/1, ҳ. №5
Тел.: +992 935140448
E-mail: idh@amit.tj

**Суроғаи муассиса:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 15
Тел.: +992 (37) 2216572.
E-mail: idh@amit.tj
Сайт: www.idhamit.tj

Имзои Шонасридинов Н. **тасдиқ менамоям:**
Нозири калони кадрҳои Институти давлат
ва ҳуқуқи АМИТ ________________ Давлатмуродзода Б.Д.

«30» 04 2026 с.